Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 44)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштани кишвар аз давлати аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда истодааст. Бунёд гаштани корхонаҳои саноатӣ барои густариш ёфтани соҳаи кишоварзӣ шароити мусоид муҳайё намуда, дар навбати худ, соҳаи кишоварзӣ барои таъмин намудани корхонаҳои саноатӣ бо ашёи хоми истеҳсолӣ худӣ саҳми арзанда гузошта метавонад. Дар баробари ин, ҳалли муаммоҳои ташкили истифодаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ низ тақозои замон мебошад. Аз ин рӯ, мавзӯи интихобкардаи муаллиф рӯз аз рӯз аҳамияти хосаро касб намуда истодааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия пеш аз ҳама дар асоси омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ мафҳуми “захираҳои истеҳсолӣ”-ро шарҳ додааст. Масъалаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро таҳқиқ намуда, муаллиф қайд кардааст, ки он бояд ба воситаҳои муносибати низомӣ такя намояд, ки мушаххасгардонии унсурҳо ва раванди истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро ҳамчун объекти мустақили идоракунӣ ва бо вазифаҳои мушаххас таъминбуда талаб менамояд. Ба ақидаи муаллиф, дар низоми ташкилу идораи корхонаҳои кишоварзӣ ҷудо намудани зернизоме, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ машғул мешаванд, зарур мебошад. Вобаста ба ин, пешниҳод намудааст, ки дар назди Иттиҳодияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) Маркази методӣ оид ба ташаккули низоми ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ ташкил карда шавад.

Унвонҷӯ зимни таҳқиқи худ ба муносибати низомӣ ба коркарди барномаҳои мақсаднок, ки имконияти муайян кардани сохтори консептуалии нисбатан асосноккардашудаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолиро пешниҳод менамоянд, диққати махсус ҷудо кардааст. Дар асоси муносибати низомӣ мафҳуми «низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ»-ро ҳамчун маҷмӯи алоқаҳои захираҳои истеҳсолӣ муайян кардааст, ки бо роҳи ҳамкории якҷоя ва таъсиррасонии байниҳамдигарӣ вазифа ва имкониятҳои худро амалӣ мекунад, самараи худро нишон медиҳад ва бо ин роҳ фаъолияти самараноки корхонаҳои кишоварзиро таъмин менамояд. Ҳамин тавр, муаллиф мафҳуми «низоми истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ»-ро ба фанни илми «ташкили истеҳслот» ворид намудааст.

Аз автореферат маълум мешавад, ки дар корхонаҳои зиёди кишоварзӣ азнавташкилкунии низоми идоракунии захираҳои истеҳсолии бо шароити

нави дар корхона бавуҷудомада ва бо истифодаи равандҳои нави технологӣ-иттилоотӣ ва сарфакунандаи захираҳо алоқаманд гузаронида нашудааст. Аксарияти вазифаҳои идоракуниву ташкилӣ иҷро намешаванд. Вобаста ба ин, муаллиф барои оқилона ва роҳ мондани истифодаи захираҳо пешниҳод кардааст, ки дар заминаи муносибати низомӣ низоми ташкили кор оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ таҳия карда шавад, ки алгоритми баланд бардоштани сатҳи он аз марҳилаҳои зерин иборат аст: 1-ум воридот: омодагӣ ва банақшагирӣ; 2-юм раванд: Баланд бардоштани сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ; 3-юм баромад: Арзёбии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, дастгирии сатҳи истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ, назорат.

Дар натиҷаи омӯзиш маълум мешавад, ки дар автореферати диссертатсия масъалаи ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва мукаммалгардонии методҳои он дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро ёфтаанд.

Новобаста аз дастовардҳои дар автореферат дарҷ гардида, дар он баъзе камбудиҳо ва нарасогиҳои зерин низ ҷой доранд:

1. Агар таҷрибаи корхонаҳои кишоварзии давлатҳои хориҷӣ низ оид ба ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ истифода бурда мешуд, аз аҳамият холӣ набуд.

2. Ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ маблаги муайяни пулиро талаб мекунад. Лекин масъалаи сармоягузориҳо дар ин самт кам таҳқиқ карда шудааст.

Эродҳои дар боло зикрёфта хусусияти тавсиявӣ доранд.

Мазмуни автореферат имкон медиҳад чунин хулоса барорем, ки таҳқиоти диссертатсионии пешниҳод гардида ба тамоми талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Декани факултети молия
ва иқтисоди ДДД,
н.и.и., и.в. дотсент — Қудратзода П.Қ.

Имзои Қудратзода П.Қ.-ро
тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДД — Асадуллоева Д.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320,
н. Данғара, к. Марказӣ, 25
Тел: +992 (83312) 22806

04.09.2023 с.